Ба Шурои диссертатсионии 6D .КОА-029-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09 . 00. 11 – фалсафаи иҷтимоӣ.**

Бо мурури тағйирёбии низоми иҷтимоии ҷомеаи мо пас аз касби Истиқлолияти давлатӣ ҳамзамон арзишҳои маънавии ба ин низоми қаблӣ хос низ барҳам хӯрда, табиист, ки арзишҳои нав дар ҳоли шаклгирӣ қарор гирифтанд. Вобаста ба ин гуна равандҳои мураккаб дар як муддати муайян халои маънавие ба вуҷуд омад, ки он боиси пайдоиши як зумра носозгориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ гардиданд. Бахусус, зуҳури арзишҳои нав, ки онҳо хоси низоми сармоядории иқтисоди бозаргонианд ва ба ин ё он тарз аз ҷониби мардум дарк ва қабул гардида, таъсири онҳо дар рафтори ҷамъиятии онҳо дар самтҳои гуногун ҳувайдо гардид.

Аз ҳамин лиҳоз, зарурияти ҳифз, устувор ва ғанигардонии арзишҳои маънавӣ, бахусус дар кишварҳои рӯ ба рушдниҳода, аз ҳар ҷиҳат мубрамияти хосса пайдо намуд. Зеро арзишҳои маънавии ҳар кадом миллат, мазмун ва муҳтавои онҳо дар ҳар як давраи гузариши таърихӣ барои ташаккули фарҳанги муносиб эҳтиёҷ пайдо менамояд.

Аз ин хотир, рисолаи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа муҳим ва замонавист.

Муаллиф дар ду боб ва шаш зербоб ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои болозикрро дар заминаи такя ба таълимотҳои назариявӣ ва андешаҳои худ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф дар зербоби якуми рисола мақом ва муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавиро аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, андешаҳои фарҳангшиносонро ба муҳаққиқони дорои мавқеи воқеъгароёна ва ақлгароёна ё субъективӣ ҷудо намудааст. Аз қазоватҳои баёншуда бармеояд, ки ӯ мавқеи воқеъгароёнаро оид ба масъалаҳои таҳлили арзишҳои маънавии ҷомеа дастгирӣ карда, дар ҳамин замина андешаҳои олимони хориҷӣ ва худиро таҳлил намудааст. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки ҳар як ҷомеа дар баробари фароҳам овардани шароитҳои муайяни ҳаёти одамон, инчунин арзишҳои муносиб ба чунин шароитҳои таърихиро ташаккул медиҳад, ки онҳо метавонанд ҳам ҷанбаи моддӣ, ҳам иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам маънавӣ дошта бошанд. Арзишҳои маънавӣ дар қабатҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятии инсон, новобаста аз он ки онҳо дар кадом соҳа ҷараён мегиранд, барои ташаккули сифатҳои муносиби иҷтимоӣ хидмат мекунанд. Аз ин хотир, арзишҳо на танҳо барои тағйири мақоми иҷтимоии инсон, балки барои афзудани шарафу мартабаи ӯ хизмат менамоянд. Зикр бояд кард, ки арзишҳо хеле мураккаб ва гуногунрисолат буда, ҳар кадом аз талабот ва манфиатҳои ашхоси алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа ва умуман имкониятҳо маншаъ мегиранд. Бояд донист, ки чун инсон худро ҳамеша ислоҳ сохта, ташаккул медиҳад, ҳамин тавр арзишҳои маънавӣ низ ҳамеша тағйир меёбанд. Агар боз он

ба инобат гирифтанӣ шавад, ки таъсири чунин арзишҳои маънавӣ чун идеология, сиёсат, ҳуқуқ, ахлоқ, дин ва зебоишиносӣ аз ҷониби ҳар кадом ҷомеа ва афроди он гуногун қабул карда мешавад, таъсирашон низ якнавохтӣ нест. Муаллиф нақши анъанаҳои маънавиро хуб баррасӣ намуда, онҳоро аз рӯйи ҳавзаи нуфузашон бо «бузург» ва “хурд” ҷудо карда, ҳар кадомро аз ин мавқеъ шарҳ додааст. Ҷудо намудани объект ва субъект ва як раванд донистани онҳо низ дуруст аст.

Зербоби дуюми боби якум “Арзёбии хусусияти ташкили истеҳсолоти маънавӣ дар ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаҳои муосир” дар атрофи мураккабии роҳҳои истеҳсолоти маънавӣ, ки дар он дараҷаи муайяни рушди ҷомеа дар назар дошта мешавад, ки арзишҳо худ ба худ ташаккул намеёбанд ва бо роҳи сунъӣ низ дар гирди омма ташаккул намеёбанд, хеле амиқ таҳлил шудааст. Онҳо ҳамеша ҳамроҳи рушди истеҳсолоти моддӣ ва қимате, ки инсон ба маҳсулоти истеҳсолкардаи моддиаш медиҳад, ба онҳо баробар аст. Яъне фаъолияти гуногунрангу гуногунҳадафи моддӣ ҷаҳони маънавии инсон ва маҳсули зеҳнии онро ҳамон тавр пурқимат ва арзишманд мегардонад. Аз оммаи офарандаи неъматҳои моддӣ дур будан, мушкилии кори шахтёр, нақбан, гулахӣ, кӯҳкан, дуредгар ва сохтмончиро дар пӯсти худ эҳсос нанамуда, чӣ тавр нозукии онро, ки дар маҳсулоти офаридааш ҳар кадом дар он маҳсулот дараҷаи дониш, заковат, нозукфаҳмӣ, зебоишиносиро таҷассум менамояд, фаҳмида гирифтан мумкин аст? Аммо ин он маъноеро надорад, ки офарандагони арзишҳои маънавӣ новобаста ба офарандагони арзишҳои маънавӣ маҳсулоти хушсифат барои истифодабарӣ мувофиқ ва шинам мебароварда бошанд.

Агар ба чашми борикбинонаи таҳқиқӣ нигаред, пас маълум мешавад, ки он сифатҳо аз рӯйи нақшаи рассоме, ихтироъкоре,

дастурамале, ки аз ҷониби ихтисосмандони олидараҷа пешниҳод шудаанд, сохта шудаанд. Ин ҷо дар офариниши арзишҳои маънавӣ ҳам соҳибкасбон ва ҳамаи заҳматкашон, аз ҷумла файласуфон, аҳли илму дин ва ҳам аҳли адабиёту санъат баробар ширкат доштаанд. Маҳз диалектикаи ба ҳам алоқамандӣ, ба ҳам таъсиррасонӣ ва аз як шакл ба шакли дигар гузаштан, ки он боиси пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва тағйири сифатии инсон мегардад, ин ягонагию гуногунрангиро тақозо менамояд.

Андешаи муалиф доир ба "мафкура", таркиб ва нақши он дар дар ташакули арзишҳои маънавии ҷомеа ва таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ, ки асоси онро ҳамчун қувваи қобили меҳнати одамон ташкил менамоянд, дараҷаи дониши касбӣ, маҳорат, малака худташаббуснишондиҳӣ, эҷодкорӣ, меҳнатдӯстию хулқу одоби ҳамида, дурандешии миллию сиёсӣ, дараҷаи дарки зарурияти ҳар як амали муфиду номуфид, сармояҳои маънавие, ки онҳо аз як тараф сифати касбии ҷомеа ва аз ҷониби дигар арзиши маънавии ҳар фарди ҷомеаро нишон медиҳанд, ҷолиб аст. Бахусус фазлу дониш, касбу ҳунар сарватҳое дар мағзи сар ва ҷисми инсонанд, ки дар ҳама ҷо боиси таъмини зиндагии арзишмандонаи инсон мегарданд. Бе сабаб шоир нагуфтааст: "Адаб тоҷест аз нури иллоҳӣ", ё "қадри мард на дар симу зар аст".

Муаллиф тавонистааст дар бораи сарвати инсонӣ ва нақши он дар пешрафти ҳар кадом ҷомеа ақидаи илмӣ пешниҳод намояд. Касбу ҳунар, дониш, маҳорату малака, эҷодкорию ихтироъномоӣ на мисли пул дар киса, балки он дар майнаи инсонҳо буда, ҳамчун арзишҳои маънавӣ дар мавриди зарурӣ ба дорандагонаш фоидаи нақд меорад. Бинобар ин, агар дар масъалаи сармояи инсонӣ муайян карда мешуд, ки сармоя худи инсон, адиб ё сифатҳои касбӣ, дониш, маҳорату малака, дарки зарурияту масъулият, ташаббускорию эҷодкории вай беҳтар мебуд, чунки

имрӯз дар бозори ҷаҳонии меҳнат, меҳнати тоҷик арзандатарин аст.

Муаллиф дар зербоби сеюми боби якум таъкид месозад, ки арзишҳои маънавӣ дар шакли ҷамбастӣ не, балки аз мавқеи баррасии унсурҳои алоҳидагӣ ва навъи зуҳурашон омӯхта мешаванд. Хизмати муҳимми муаллифи рисола дар он аст, ки вай марҳилаҳои инкишофи арзишҳои маънавиро ба таври хронологӣ омӯхта, мавқеи мутафаккиронро доир ба нақш, намуд ва зарфияташон ба риштаи таҳқиқ кашида, фарқияту умумияти нуқтаҳои назари олимонро доир ба арзишҳои маънавӣ аз Суқрот то Эпикур, ки ҳар кадом диди худро дар фаҳмиши арзишҳо баён намудаанд, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба андешаи мо, овардани андешаҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолидини Балхӣ, ки ҳар кадом ақлу хирад ва донишро ҷавҳари арзишҳои маънавӣ бозгӯй кардаанд, барои худшиносию ифтихори миллӣ арзишҳои маънавии бебаҳоянд. Дар паси инҳо ақидаҳои Спинозаю Рене Декарт арзише надоранд.

Дар таълимоти моддигароии Карл Маркс инсон ба фаъолияти меҳнатию муносибаташ ба табиат худро низ арзишманд месозад. Ишора ба ин масъала дар рисола муҳим аст. Мутафаккирони замони нав Э. Дюркгейм, К. Манхейм, Т. Сорокин, М. Ронич ахлоқ, иқтисод, сиёсат, фарҳангро сабаби эҷоди арзишҳои маънавӣ дониста, онҳоро ҳам барои мавҷудияти худашон ва ҳам инсону ҷомеа медонанд.

Дар зарурияти шаҳру эзоҳ, раванди бозофариниши арзишҳои маънавии миллӣ барои асосноксозии андешаҳои хеш такя ба пажӯҳишгарони миллиро дар рисола ба он хотир зарур медонанд, ки тавассути ин донишмандони тоҷик ба доираи дӯстдорони илм муаррифӣ карда шуда, боиси ташаккули худшиносии миллӣ мегарданд.

Муаллифи рисола дар таҳлил ва баррасии шаклҳои зуҳури таъсири арзишҳои маънавӣ ба дигаргуниҳои ҳаёти маънавӣ андешаи хосса дошта, муътақид аст, ки ҳамагуна тағйироти дар ҷомеа бавуҷудомада ҳатман ба арзишҳои маънавӣ бештар таъсирашон ба дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбанд. Ин зуҳурот метавонанд пешқадам ва ё ба талаботи ҳаминрӯзаи ҳаёти маънавӣ номувофиқ бошанд.

Инро мо дар мисоли болоравии сатҳи арзишҳои маънавии динӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дида метавонем, ки боиси ноҷӯрии ҳаёти иқтисодӣ ва маънавӣ гаштаанд. Аммо талошҳои Сарвари давлат дар барҳам додани зиддиятҳои қувваҳои низомшикан ва ба имзо расонидани ҳуҷҷати Оштии миллӣ тавонистаанд ин равандро суст намоянд.

Дигар олимон номуносибӣ дар арзишҳои маънавиро ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ алоқаманд мешуморанд, ки онҳо мутлақо ба арзишҳои суннатии ҷамоатию коллективӣ муқобиланд. Табиист, ки сохтори иқтисодӣ ҳам сохтору арзишҳои моддию маънавиро ба вуҷуд меорад, ки ҳар кадом дар навбати хеш маҷмуи арзишҳои маънавӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд меорад. Ҳарчанд баъзе арзишҳои маънавиро омма қабул надошта бошад ҳам, вале бо мурури замон одамон ба онҳо одат мекунанд.

Муаллиф инро хуб дарк карда, тарбияро, ки он аз ҷашнгирии шахсиятҳои бузурги илмӣ, адабӣ ва сиёсӣ сар карда, то таълиму тарбияи мактабӣ, анъана, урфу одат ва ғайраро дар бар мегирад, мавриди таҳлил қарор додааст. Бахусус, таваҷҷуҳи муаллиф ба анъанаҳо аз ин нуктаи назарҳо муҳим мебошад:

а) анъана ин раванди интиқоли таҷрибаҳои гуногуни фарҳангӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо ғуншуда мебошад;

б) анъана падидаи иҷтимоие мебошад, ки ба воситаи ҷамоаҳои гуногун на танҳо ҷамъоварӣ шудааст, балки таҷрибаи боло рафтани насл ва таҷрибаи ҳаётиро ба амал оварда, барои

бойшавии таҷрибаи фардию гурӯҳӣ кӯмак мерасонад (саҳ. 83-84), ҷолибанд.

Доир ба нақши анъанаҳо ибрози ақида намуда, зикр кардан бамаврид аст, ки на ҳама анъанаҳо ҳамеша қобили қабуланд, аммо баъзеи онҳо аҳамияти бузурги тарбиявӣ низ доранд. Имрӯз боиси қаноатмандист, ки Пешвои миллати мо дар сафарҳояшон ба манотиқи гуногуни кишвар бо мардум мулоқоту вохӯриҳо анҷом дода, ҳадафҳои созандаи давлатро фаҳмонида, арзишҳои волои миллӣ, илмӣ, техникӣ ва маънавиро таблиғ намуда, дар ташакули арзишҳои нави маънавӣ саҳми бевосита мегузоранд. Диссертант ин нуктаҳоро бояд дар рисола ҷой дода, ба ин таҷрибаҳо баҳои сазовори илмӣ медод.

Он нукта боиси дастгирист, ки муаллиф тавонистааст дар ин зербоб бо истифода аз ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ зуҳури арзишҳои маънавиро дар ҳаёти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон равшан баён намояд.

Муаллиф дар зербоби дуюми боби дуюм бештар бо такя ба Дюркгейм масъалаи таъсири осебҳои иҷтимоию фарҳангиро ба мақому нуфузи арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа, сиришти афроди ҷамъиятӣ, ки бо сабабҳои гуногун аз риояи арзишҳои маънавии дар ҷомеа вуҷуддошта сарпечӣ менамоянд, ба тафсил таҳлил намуда, онро каҷрафторӣ меномад.

Муаллиф вобаста ба ин масъала бамаврид зикр намудааст, ки омилҳое, ки инхилоф ва каҷравиҳоро дар ҷомеаҳои гуногун ба вуҷуд меоранд (диссертатсия, саҳ.101-102) аз норасоиҳои иқтисодӣ, осебпазирии ҷамъият аз нашъамандӣ, то дуздию ғоратгарӣ, худкушӣ, майзадагӣ ва ғайра ба шумор мераванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм муаллиф масъалаи ҷанбаҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии арзишҳои маънавӣ дар ҷомеаро мавриди таҳлил қарор дода, талоши ҳокимияти давлатиро доир ба ҳифз,

нигоҳдорӣ ва рушди арзишҳои маънавӣ нишон додааст. Инъикоси ин талошҳоро дар як қатор силсилаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаю консепсияҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Моҳият ва вазифаи ҳар кадоме аз ин ҳуҷҷатҳоро кушода, таъкид намудаанд, ки дар ҷомеаҳои ибтидоӣ аз ҷониби аъзои ҷомеа вайрон намудани талаботҳои арзишҳои маънавӣ кам мушоҳида мешуд, чунки дар чунин ҷомеаҳо ҳама бо ҳам ҳамнаво буданд. Аммо дар ҷомеаҳои пешрафта тибқи тақсимоти мураккаби меҳнатӣ, пайдошавии шуғл ва касбу корҳои гуногун шароитҳои гуногуни иҷтимоиву маънавӣ ва фарҳангие пайдо ва ташаккул ёфтаанд, ки ҳар кадом афроди ҷамъиятӣ ба ғайр аз манфиатҳои барояш хос боз манфияти ҷамъиятиро низ ба уҳда мегирифтагӣ шуд. Табиист, ки ин боиси гуногунии арзишии қишрҳои гуногуни аҳолӣ гашта, ин раванд зимнан боиси вайроншавӣ ё риоя накардани арзишҳои маънавӣ гардид.

Дар чунин шароит зарурияти нигоҳ доштани суботи ҷамъиятӣ ҷомеаҳоро маҷбур сохт, ки барои нигоҳ доштани оромӣ ва низоми муайяни ахлоқӣ як зумра ҳуҷҷатҳои танзимкунандаю барномаҳои рушдро ба тавсиб расонанд. Муаллиф дар такя бо ин андешаҳо кӯшиши тарафи мардум монеъ шуданро барои паҳншавии амалҳои ғайриахлоқӣ мавриди таҳлил қарор дода, ҳамзамон талошҳои ҳокимияти давлатии Тоҷикистонро дар кор кардану таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии – ҳуқуқии муносиб махсус зикр менамояд.

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба мавзуи рисолаи анҷомдодааш моҳияти ин рисоларо пурра инъикос намуда, пешниҳодҳояш низ мубрам ва арзишманданд. Хубии ин рисола боз дар он аст, ки баъди ҳар зербоб хулоса бароварда шудааст.

Муаллиф барои ба ҳадаф расидан аз сарчашмаҳои назариявию методологӣ васеъ истифода бурдааст. Аз олимони ватанӣ васеъ истифода кардааст, ки ин боиси афзоиши ифтихори миллист.

Дар кор баъзе камбудиҳои ҷузъӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале онҳо қимати илмии рисоларо кам намекунанд. Баъзе аз ин камбудиҳоро зимни таҳлили бобҳои рисола мо аллакай нишон додем. Барои минбаъд беҳтару амиқтар таҳқиқ намудани мақому хусусиятҳои арзишҳои маънавии ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон диссертант бояд ба масъалаҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ диҳад:

- Вобаста ба мубрамияти масъалаи мавқеи арзишҳои низоми дунявии ҳаёти ҷомеа бо арзишҳои динӣ мебоист диссертант муфассал онро мавриди таҳлил қарор медод, зеро баррасии ин масъала на танҳо эътибори назариявӣ, балки барои рушди имрӯзаи кишварамон аҳамияти амалӣ низ дорад;
- Дар рисола оид ба таъсири манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба паҳншавии арзишҳои миллӣ дар байни ҷавонон бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд;
- Дар рисола баъзан нуқсонҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳашон эътибори кори илмиро меафзояд.

Бояд гуфт, ки эродҳои овардашуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Аз мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодашудаи илмӣ чунин бармеояд, ки диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09 . 00. 11 – фалсафаи иҷтимоӣ, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйӣ ихтисоси 09. 00. 11 – фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:** дотсенти кафедраи
сотсиологияи факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, Миров Фирӯз Сафаралиевич

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-733-33-11

**Имзои н.и.ф, дотсент Миров Ф.С.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

11. 10. 2023

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96